# Фармон

Дар бораи тасдиқи Тартиби истифодабарии соддакардашудаи ҳисобот ва баҳисобгирӣ дар субъектҳои соҳибкории хурди Ҷумҳурии Тоҷикистон

Мутобиқи моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳисобгирии бухгалтерӣ» ва иҷроиши банди 2 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 феврали соли 2000 № 44 «Дар бораи тасдиқи «Тартиби ҳисоб намудан ва пардохти андозҳое, ки аз тарафи субъектҳои соҳибкории хурд дар асоси низоми соддакардашуда пардохт мешаванд»» **фармоиш медиҳам:**

1. Тартиби истифодабарии соддакардашудаи ҳисобот ва баҳисобгирӣ дар субъектҳои соҳибкории хурди Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад.

2. Тартиби мазкур аз 1 январи соли 2010 ҷорӣ карда шавад.

3. Фармони Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 майи соли 2008 № 22 бе эътибор дониста шавад.

Вазир С. Наҷмиддинов.